آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

24 январи соли 2026 Шанбе № 7 (15226)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ХАЛҚИ МО НАТИҶАҲОИ ИСЛОҲОТРО, КИ АЗ МАҲАЛЛА ОҒОЗ ЁФТААНД, ЭҲСОС МЕКУНАНД

***23 январ таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба вазифаҳои асосӣ ҷиҳати коҳиши камбизоатӣ ва таъмин намудани шуғли аҳолӣ, ки дар соли 2026 татбиқ хоҳанд шуд, ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***





Сарвари давлат дар оғози ҷамъомад ба натиҷаҳои соли 2025 мухтасар таваққуф кард.

Таъкид гардид, ки соли гузашта иқтисодиёт нисбат ба пешгӯиҳои ибтидоӣ бо суръати назаррас ба 7,7 фоиз афзуда, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 147 миллиард доллар гузашт. Дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт суръати рушд нисбат ба соли 2024 баландтар буд. Ҳаҷми ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба 43 миллиард доллар ва содирот ба 33,8 миллиард доллар расид.

Новобаста аз фаъолшавии иқтисодӣ ва афзоиши талаботи истеъмолӣ, сатҳи таваррум аз 9,8 фоиз дар соли 2024 то 7,3 фоиз поин рафт.

– Рушди иқтисодӣ ҳар қадар устувортар бошад, барои беҳтар кардани инфрасохтор имкони бештар равона намудани маблағ фароҳам меояд. Ин раванд дар ниҳоят, ба таъмини шуғл, афзоиши даромадҳо ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ хидмат мекунад, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки соли гузашта 366 ҳазор оила аз нодорӣ раҳоӣ ёфтанд, дар натиҷаи чораҳое, ки ҷиҳати таъминот бо шуғл ва баланд бардоштани даромади аҳолӣ андешида шуданд, сатҳи камбизоатӣ аз 8,9 то 5,8 фоиз ва сатҳи бекорӣ аз 5,5 то 4,8 фоиз коҳиш ёфт.

– Ин ҳама натиҷаи ислоҳоти мост ва аз таҳкими пайвастаи эътимоди байни давлат ва мардум гувоҳӣ медиҳад. Аммо ҳанӯз дар пеш корҳои зиёд дорем, ки бояд анҷом диҳем, – гуфт Президент.

Зикр шуд, ки маҳалла маҳаки асосиест, ки ба саволҳо ҷиҳати дар куҷо фаъол будан ва дар куҷо бозистодани ислоҳот ҷавоби мушаххас дода метавонад. Агар дар маҳалла ҳанӯз нафаре бекор ё оилае нодор бошад, пас ислоҳот ҳанӯз ба он ҷо нарасидааст. Агар низоми «ҳафтгона» мушкилоти аҳолиро ҳал карда натавонад, пас сохтор кор намекунад.

– Имконият ҳаст, маблағ ҳаст, қарор ва барномаҳо ҳастанд. Чизе, ки намерасад ин масъулият ва ҷавобгарии шахсист, – гуфт роҳбари давлат.

Президент норасоии дониши методӣ ва таҷрибаи амалии ҳокимон ва «ҳафтгонаи маҳалла»-ро бобати истифодаи имкониятҳои мавҷуда, инчунин, дар сатҳи зарурӣ ба онҳо кӯмак нарасониданни вазорату идораҳои масъулро танқид кард.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки дар муддати як моҳ имкониятҳои маҳаллаҳои дорои сатҳи баланди бекорӣ ва камбизоатиро омӯхта, дар асоси таҷрибаҳои беҳтарин дастури методӣ таҳия намоянд. Ҳокимон бошанд, дар ҷойҳо татбиқсозии онро таъмин намуда, барои бо кор таъмин кардан, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушаххаси мушкилоте, ки онҳоро нигарон кардааст, шахсан масъул хоҳанд буд.

Дар ҷамъомад вазифаҳои асосӣ барои соли ҷорӣ, чун бо кори доимӣ таъмин намудани 1 миллион нафар аҳолӣ, аз камбизоатӣ раҳо кардани 181 ҳазор оила, 2,5 баробар зиёд кардани шумораи маҳаллаҳои бидуни оилаҳои камбизоат ва ба ин васила то ба 3,5 ҳазор расонидани теъдоди онҳо, то 4,5 фоиз коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ муайян гардиданд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои таъминот бо шуғл ва баланд бардоштани даромади аҳолӣ дар ноҳия ва маҳаллаҳои дорои шароити «вазнин» муфассал баррасӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки пеш аз ҳама, бо нерӯи барқи устувор таъмин намудани чунин минтақаҳо зарур аст.

Бо ин мақсад, дар ҳар кадом 903 маҳалла нерӯгоҳи хурди офтобӣ бо иқтидори 300 киловатт сохта шуда, ба маҳаллаҳо ҳамчун «активи бебозгашт» дода мешавад. Аз ҳисоби ин нерӯгоҳҳо дар ҳар як маҳалла «активи иқтисодӣ» ташаккул меёбад, ки соле 400–500 миллион сӯм даромади иловагӣ меорад.

Даромадҳои «сабз»-е, ки ба даст меоянд, барои татбиқ намудани чорабиниҳои «сабз», бахусус, таъмири сарфакоронаи барқ, кам кардани хароҷоти барқ ва беҳтар намудани сифати зиндагии хонаводаҳои ниёзманд равона карда мешаванд. Барои истифода ва нигоҳдории нерӯгоҳҳои офтобӣ аъзои оилаҳои камбизоати ҳамин маҳаллаҳо ба кор ҷалб мегарданд.

Чунин корҳо дар ҳазор маҳаллаи дорои сатҳи баланди ихтисос низ татбиқ карда мешаванд. Нерӯгоҳҳои хурди офтобӣ ба маҳаллаҳо дар ҳоли омода ба муҳлати 7 сол дар асоси лизинги бефоиз дода мешаванд.

Президент таъкид кард, ки беш аз пеш амиқтар намудани ихтисосёбии маҳаллаҳо дар коҳиши бекорӣ ва нодорӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ҳоло дар 903 маҳаллаи дорои шароити «вазнин» 100 ҳазор гектар замини наздиҳавлигӣ ва иҷора мавҷуд аст. Зикр гардид, ки агар ҳокимон якҷо бо «ҳафтгонаи маҳалла» таъминоти обро беҳтар намуда, онҳоро бо тухмӣ ва ниҳол таъмин карда, ихтисосёбиро дуруст роҳандозӣ намоянд, дар даромад ва шароити зиндагии аҳолӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал меояд.

Бо мақсади ҳавасмандсозии ихтисосёбӣ дар маҳаллаҳо механизмҳои иловагии молиявӣ ҷорӣ мешаванд. Бахусус, барои соҳибони заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 50 фоизи хароҷоти харид кардани ниҳолҳои сертификатдор аз ҳисоби буҷет ҷуброн мегардад. Вобаста ба навъи мева, барои «шпалер» аз 20 то 70 ҳазор сӯм субсидия ҷудо карда мешавад. Барои онҳое, ки дар замини наздиҳавлигии худ обёрии қатрагиро ба роҳ мемонанд, барои ҳар як хол 160 ҳазор сӯм ҷубронпулӣ пардохта мешавад.

Агар кишоварзони ботаҷриба дар ҳар 10 хонадони маҳалла парвариши маҳсулоти содиротиро ба роҳ монанд, 2 миллион сӯм ва агар ин корро дар дастикам 30 фоизи хонадонҳои дорои замини наздиҳавлигии маҳалла амалӣ намоянд, ба таври иловагӣ 75 миллион сӯм мукофот хоҳанд гирифт.

Соли ҷорӣ инчунин 2 ҳазор гектар замини ҷангал ба 4 ҳазор оилаи камбизоат барои бунёди тутзор дар 50 хол замин ба муҳлати 10 сол ройгон ҷудо карда мешавад. Барои ташкили кооператсияи пиллапарварӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд 4 миллион сӯм субсидия ва ба онҳое, ки мехоҳанд дар хона пилла парвариш кунанд, барои таҷҳизонидани манзил ва хариди таҷҳизот то 20 миллион сӯм ссудаи бефоиз дода мешавад.

Дар ҷамъомад зикр шуд, ки соли ҷорӣ барои рушди тиҷорати хурду миёна 140 триллион сӯм кредит ҷудо карда хоҳад шуд.

– Бояд ошкоро гуфт, ҳоло бонкҳо барои ҳама ноҳия ва шаҳрҳо бо шарти якхела кредит пешниҳод мекунанд. Аммо имконияту шароити Олмазор ва Бӯзатов яксон нест. Аз ин рӯ, дар 37 ноҳияи дорои шароити «вазнин» дар доираи барномаи «соҳибкории оилавӣ» кредит бо 12 фоиз дода мешаванд, – гуфт Президент.

Дар ҳамаи ноҳияҳо ҳадди ниҳоии кредити имтиёзноки «соҳибкории оилавӣ» 1,5 баробар зиёд карда шуда, то ба 50 миллион сӯм расонида мешавад. Барои чорвои зотии воридотӣ ва сертификатдор то 100 миллион сӯм, барои меҳмонхонаи оилавӣ, яхдонҳои хурд, технологияҳои хурди нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот бошад, то 150 миллион сӯм кредитҳои бидуни гарав ҷудо мегарданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

***Ба Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон менеҷери барномавии сохтори «СММ-бонувон» дар Ўзбекистон Зелиха Уналдӣ ташриф овард.***

## МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚ КАРДАНИ ТАШАББУСҲОИ МУШТАРАК БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

Дар мулоқот бо Раиси Сенат Танзила Норбоева вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Ўзбекистон бо сохтори «СММ-бонувон», инчунин чорабиниҳои минбаъда оид ба пешбурди баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон дар мамлакат муҳокима шуданд.

Таъкид гардид, ки дар Ўзбекистон ба масъалаҳои таҳкими ниҳоди оила, ҳифзи ҳуқуқи зану духтарон ва таъминсозии баробарии гендерӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ин замина, ба татбиқ кардани Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва Стратегияи миллии расидан ба баробарии гендерӣ, ки то соли 2030 пешбинӣ шудааст, такмил додани пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, густариши имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии занон ва пешгирии ҳама гуна табъиз таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Дар мулоқот инчунин дурнамои рушди муколамаи бонувони пешсафи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки соли 2026 раёсати онро Ўзбекистон ба уҳда дорад, низ баррасӣ шуд.

Оид ба таҳия ва татбиқ намудани барномаҳои минбаъда дар асоси пешниҳод ва ташаббусҳо, ки аз ҷамъбасти маъракаи «16 рӯзи ҳаракати фаъол бар зидди зӯроварии гендерӣ» ба даст омадаанд, низ табодули афкор сурат гирифт.

Дар анҷом ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ, дастгирии зану духтарон ва татбиқкунии ташаббусҳои муштарак ҷиҳати рушди баробарии гендерӣ изҳор намуданд.

**Норгул АБДУРАИМОВА, мухбири ЎзА**

**Зеҳни сунъӣ:**

## АЗ АФЗАЛИЯТ ТО ПАЁМАДҲОИ НОХУШ

***Дар ҷаҳони муосир технология босуръат рушд мекунад. Яке аз дастовардҳои муҳимтарин дар ин самт зеҳни сунъӣ мебошад. Имрӯз зеҳни сунъӣ дигар танҳо мафҳуми илмӣ нест, балки ба қисми ҷудонопазири зиндагии ҳамарӯзаи мо табдил ёфтааст, ки гоҳо худи мо инро дарк намекунем.***
***Дар ҳамин маврид савол ба миён меояд, ки ҳоло зеҳни сунъӣ то чӣ андоза метавонад ба пешрафти кишвари мо саҳмгузор бошад? Дар такмили ин соҳа ба кадом ҷиҳатҳо бояд бештар таваҷҷуҳ кард? Мо дар доираи ҳамин гуна саволҳо бо муовини директори Институти илмӣ-тадқиқотии рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ Азиз НУРИДИНОВ суҳбат кардем.***

– Зеҳни сунъӣ қобилияти компутерҳо мебошад, ки мисли инсон фикр мекунад, корҳоро анҷом медиҳад, тасвирҳоро мешиносад, сухан гуфта метавонад, масъалаҳои мураккабро ҳал менамояд, – гуфт Азиз Нуриддинов. – Зеҳни сунъӣ низомест, ки метавонад маълумотро омӯзад, таҳлил кунад ва дар асоси он қарор қабул намояд.

Дар нимаи асри гузашта олимон ба масъалаи «Компутер ҳам мисли инсон андешида метавонад» таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Олими маъруф Алан Тюринг барои дарёфти посух ба саволи «Компутер кай метавонад соҳибақл шавад?» озмоишеро бо номи «Санҷиши Тюринг» анҷом дод. Соли 1956 гурӯҳе аз олимон ҷамъ омада, ин самти нави илмиро «зеҳни сунъӣ» номиданд.

Аз солҳои 1960 дар ин бахш пешрафтҳои назаррас мушоҳида шуданд: компутерҳо шоҳмотбозиро омӯхта, аллакай ба саволҳои одӣ ҷавоб дода метавонистанд. Лекин солҳои 1970-1980 дар такомули зеҳни сунъӣ мушкилиҳо ба чашм расиданд, ки онҳо бо вазъи техникии компутерҳо вобаста буданд. Танҳо пас аз солҳои 1990-ум, яъне баробари ривоҷ ёфтани техника ва пайдоиши интернет, дар соҳаи зеҳни сунъӣ марҳилаи нави рушд оғоз ёфт.

**– Имрӯзҳо аксар мардум аз иловаҳои гуногуни зеҳни сунъӣ истифода мебаранд. Ҳоло дар мамлакати мо дар кадом соҳаҳо аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ бештар истифода менамоянд?**

– Яке аз соҳаҳое, ки зеҳни сунъӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад, соҳаи нақлиёт аст. Масалан, ҳоло аксари ронандагон барои муайян кардани роҳҳои кӯтоҳ, камодаму бехатар ва ҳатто мардум барои мушаххас намудани манзил, аз замимаҳои роҳнамо (локатсия) истифода мебаранд. Чунин замимаҳо ба инсон кумак мекунанд, то зуд ва осон ба манзил расад. Ҳоло дар баъзе кишварҳо идораи мусофиркашонҳои бесамт аз ҷониби робот роҳандозӣ шудааст, ки ин низ дар асоси зеҳни сунъӣ сурат мегирад.

Дар соҳаи тиб низ зеҳни сунъӣ нақши муҳим дорад. Имрӯз табибон бо ёрии барномаҳои махсус натиҷаҳои ташхисро таҳлил мекунанд. Масалан, чунин барномаҳо метавонанд аломатҳои бемориро муайян кунанд ва ба табиб маслиҳатҳо диҳанд. Ин ба табобати саривақтӣ мусоидат мекунад, кори шифокоронро осон ва дақиқтар менамояд.

Дар соҳаи таълим ҳам истифодаи зеҳни сунъӣ хеле вусъат ёфтааст. Имрӯз хонандагон метавонанд дар хона нишаста дарс омӯзанд, агар мавзӯъеро нафаҳманд, онро аз шабакаҳо пайдо намуда, тамошо кунанд. Бо вуҷуди ин ҳама, нақши асосиро омӯзгор мебозад. Зеро назорати раванди таълим, тарбия ва роҳнамоӣ танҳо бо технология имконпазир нахоҳад буд.

**– Зеҳни сунъӣ дар радифи афзалият чӣ гуна паёмадҳои нохуш дорад?**

– Воқеан, зеҳни сунъӣ дар баробари паҳлӯҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфӣ низ дорад. Масалан, вобастагии зиёд аз технология метавонад ба тафаккури инсон зарар расонад. Баъзе ҷавонон вақти зиёдашонро бо телефон ва интернет мегузаронанд. Дар натиҷа, кам китоб мутолиа менамоянд ва бо одамон муошират намекунанд. Ин ҳолат метавонад ба рушди фикрронӣ ва муносибатҳои байни одамон зарар расонад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ХАЛҚИ МО НАТИҶАҲОИ ИСЛОҲОТРО, КИ АЗ МАҲАЛЛА ОҒОЗ ЁФТААНД, ЭҲСОС МЕКУНАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Миқдори кредити лоиҳаҳои соҳибкорӣ барои 563 маҳаллае, ки дар минтақаҳои марзӣ ва анклав ҷойгиранд, то 1 миллиард сӯм зиёд карда мешавад. Бо ин мақсад, ба 3,6 триллион сӯме, ки барои барномаҳои «соҳибкории оилавӣ» пешбинӣ шудааст, барилова боз 2 триллион сӯм захира ҷудо карда мешавад.

Соли ҷорӣ барои амиқ намудани ихтисосёбии маҳаллаҳо аз ҷониби бонкҳо дар маҷмӯъ 17 триллион сӯм кредит ҷудо мегардад. Дар ин раванд 4 фоизи кредит, ки ба истеҳсоли маҳсулот гирифта шудаанд ва 6 фоизи кредитҳои марбут ба лоиҳаҳои коркарди он ҳамчун ҷуброн пардохта мешаванд.

Зарурати дар асоси «равиши лоиҳавӣ» ташкил намудани фаъолияти ёварони ҳокимҳо таъкид гардид.

Бастаи лоиҳаҳое, ки дар миқёси ҳар як ноҳия дар асоси «равиши лоиҳавӣ» татбиқ мегарданд, ташаккул дода мешавад. Нархи ибтидоии қитъаҳои холии замин ва иншооти давлатиро, ки дар маҳаллаҳои дорои шароити «вазнин» воқеанд, 2-3 баробар кам карда, амалиёти ба фурӯш баровардани онҳо ҷорӣ мегардад.

Ба 100 маҳаллаи «вазнин», ки дар фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани даромади аҳолӣ натиҷаҳои беҳтарин нишон медиҳанд, 1 миллиард сӯмӣ маблағи иловагӣ пешниҳод мешавад. Ёварони ҳокимоне, ки дар ин маҳаллаҳо фаъолият доранд, ба кишварҳои хориҷӣ, чун Чин, Туркия, Корея ва Малайзия барои такмили ихтисос ба курсҳои якмоҳа фиристода мешаванд.

Лоиҳае, ки дар канори канали Кайковуси ноҳияи Олмазор татбиқ карда мешавад, ба тариқи мисол қайд гардид. Ду километри ин канал аз ҳудуди 8 маҳаллаи «Шаҳри кӯҳна» мегузарад. Акнун ёварони ҳокими ин маҳаллаҳо дар атрофи як «гурӯҳи лоиҳавӣ» муттаҳид шуда, бар асоси консепсияи умумӣ дар соҳили канал рушди инфрасохтори савдо, хидматрасонӣ ва истироҳатро таъмин мекунанд.

Ба ин тартиб, дар самтҳои сайёҳӣ, таълим, хидматрасониҳои тиббӣ, навсозӣ, соҳили кӯлҳо ва кӯчаҳои серодам низ “гурӯҳҳои лоиҳавӣ”-и махсус, иборат аз ёварони ҳокимҳо ташкил карда мешаванд.

Таҷрибае, ки ҷиҳати баланд бардоштани самарадории фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла» дар пойтахт роҳандозӣ шуд, дар ҳамаи ноҳия ва шаҳрҳо низ ҷорӣ мегардад. Минбаъд ёвари ҳоким, фаъоли зан-духтарон ва сардори ҷавонон дар асоси тақдимномаи раиси маҳалла аз ҷониби ҳокими ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

Роҳбари давлат боз ба як масъалаи муҳим таваҷҷуҳ зоҳир кард.

Таъкид гардид, ки дар мамлакат бобати барӯйхатгирии аҳолӣ ва соҳаи кишоварзӣ чорабинии густурда оғоз ёфтааст.

То ҳол аз 7 миллиону 613 ҳазор хонадон 4 миллиону 776 ҳазори онҳо аз рӯйхат гузаштанд. Баробари ин, ҷараёни сусти ин раванд дар шаҳри Тошканд, вилоятҳои Фарғона, Сурхондарё, Бухоро ва Тошканд таъкид шуд.

– Чунин чорабинии муҳим дар мамлакати мо дар 37 соли охир бори аввал гузаронида мешавад. Барӯйхатгирӣ барои муайян кардани вазъи воқеии ҳар як маҳалла ва ҳар як хонавода, дар ин асос муқаррар намудани нақшаҳои оянда ва муҳимтар аз ҳама, ба ҷорӣ кардани механизмҳои самарабахш, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволии мардум нигаронида шудаанд, хидмат мекунад, – гуфт Президент ва аз ҳамаи шаҳрвандон даъват кард, ки дар чорабинии барӯйхатгирӣ фаъолона иштирок намоянд.

Дар ҷамъомад ҳисобот ва пешниҳодҳои ҳокимони ноҳияҳо, раисони маҳаллаҳо ва ёварони ҳокимҳо низ шунида шуданд.

Ҳамин рӯз Президент Шавкат Мирзиёев бо корҳои бунёдкорӣ ва фаъолияти иншооти ноҳияи Олмазори шаҳри Тошканд шинос шуд.

Сарвари давлат аз иншооти сайёҳӣ ва хидматрасонӣ, ки дар кӯчаи Зарқайнари маҳаллаи Ҳастимом ташкил шудаанд, боздид ба амал овард.

Сайёҳӣ соҳаест, ки бо сармояи нисбатан кам ҷойҳои зиёди корӣ фароҳам оварда, даромади аҳолӣ ва симои минтақаҳоро беҳтар месозад. Дар шаҳри Тошканд дар ин самт имкониятҳо зиёданд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Олмазор бо мақсади пурра ба кор даровардани ин иқтидор лоиҳае татбиқ мешавад, ки 447 гектар ҳудудро фаро мегирад. Тибқи он, дар 6 кӯчаи дорои аҳамияти ноҳиявӣ, ки 15 маҳалларо бо ҳам мепайванданд, иншооти сайёҳӣ ва хидматрасонӣ сохта мешаванд.

Корҳои созандагие, ки дар кӯчаи Зарқайнар иҷро шуданд, қисме аз ин лоиҳа мебошад. Ин минтақа бо симои таърихӣ, анъанаҳои меъмории миллӣ ва рӯҳи ҳунармандӣ, ки тӯли асрҳо ташаккул ёфтааст, фарқ мекунад.

Аз ҳисоби 150 миллиард сӯм маблағ, ки аз буҷети ҷумҳурӣ ҷудо гардидааст, дар ин ҷо 576 хонадон бо услуби миллӣ таъмиру бозсозӣ гардида, маҳалла симои нави мутобиқ ба муҳити таърихиро пайдо кард.

Дар натиҷаи ҷалби 166 миллиард сӯм сармоя аз ҷониби сад нафар соҳибкор, 7 меҳмонхона, 8 тарабхона, 5 маркази ҳунармандӣ, 1 маркази савдо ва 125 иншооти хидматрасонӣ ташкил гардида, 1500 нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд.

Роҳбари давлат ҳангоми боздид аз кӯчаи нав, хонадонҳои бо услуби меъмории миллӣ таъмиршуда, кӯчаҳои обод ва шароитеро, ки барои аҳолӣ муҳайё карда шудааст, аз назар гузаронд. Бо сокинони маҳаллӣ, сайёҳон ва ҳунармандон суҳбати самимӣ анҷом дод.

– Мо мехоҳем барои сайёҳон шароит фароҳам орем, вале асоси онро низ бояд дуруст ба роҳ монем. Масалан, ҳунармандӣ яке аз самтҳои асосиест, ки миллияти моро ифода мекунад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои маҳсулот истеҳсол намудани ҳунармандон вазифаи мо мебошад. Бояд кадрҳои соҳибихтисосро омода намоем. Бинобар ин, таъсис додани донишгоҳи ҳунармандон мувофиқи мақсад аст. Мо бо соҳибкорон мулоқот мекунем, минбаъд бо ҳунармандон низ вохӯриҳои алоҳида ташкил хоҳем кард, – гуфт Президент.

Ба масъулон ҷиҳати такмили минбаъдаи корҳо дар соҳаҳои сайёҳӣ ва хидматрасонӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, ҳифзи симои таърихии маҳаллаҳо, муҳимтар аз ҳама, ташаккули низоми устувор, ки ба манфиати мардум хизмат кунад, супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҳамин ҷо ба роҳбари давлат нақшаи асосӣ, ки оид ба рушди минтақаи инноватсионии «Олмазор» таҳия шудааст, муаррифӣ гардид.

Дар тақдимот консепсияи рушди фазоӣ-ҳудудии минтақа, натиҷаҳои арзёбии эҳтиёҷот ва роҳҳалҳои минтақабандии функсионалӣ муаррифӣ шуданд.

Тибқи нақшаи асосӣ, «долонҳои рушд» ташаккул дода мешаванд, ки соҳаҳои таълиму инноватсия, сайёҳӣ ва савдо, мероси фарҳангӣ, тиҷорат ва хидматрасониҳои IT-ро дар бар мегиранд.

Дар атрофи шаҳри кӯҳна шаҳраки донишҷӯён, донишгоҳ ва технопаркҳо, муассисаҳои тандурустӣ, инчунин самтҳои сайёҳии Маркази тамаддуни исломӣ, маҷмааи Ҳазрати Имом, Чорсу ва маркази таърихии шаҳр бо ҳам пайваст карда мешаванд. Ҳамзамон, дар минтақаи соҳибкории марказии шимолӣ пешбурди фаъолияти идораҳо, IT-парк ва марказҳои тиҷоратӣ дар назар аст.

Бояд гуфт, ки мақсад аз татбиқсозии нақшаи асосӣ, баробари ҳифзи мероси таърихӣ, рушди инфрасохтори муосир, ба зинаи сифатан нав бардоштани иқтидори иқтисодии минтақа ва муҳити шаҳрӣ мебошад.

– Барои ҳар як кӯча бояд нақшаи асосиро дар ҳудуди на кам аз панҷ сол таҳия намоем. Дирӯз дар шаҳри Давоси Швейтсария шоҳиди он шудам, ки муҳити шаҳрӣ бо ҳифзи биноҳои мавҷуда ва бо назардошти шароити маҳаллӣ рушд меёбад. Мо низ бояд шаҳри кӯҳнаро ҳифз намоем ва ҳамзамон обод кунем. Бо ин мақсад таҳияи барномаи алоҳидаи «Шаҳри кӯҳна» зарур аст, – гуфт роҳбари давлат.

Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти маркази тиббии бисёрсоҳаи «Sinomed»-и ноҳияи Олмазор шинос гардид.

10 ноябри соли гузашта ҳангоми вохӯрӣ бо ходимони соҳаи тандурустӣ ва дорусозӣ роҳбари давлат таъкид карда буд, ки 30 фоизи хидмати тиббӣ аз ҷониби сектори хусусӣ анҷом дода мешавад ва дастгирии он фароҳам овардани шароити иловагӣ идома хоҳад ёфт.

Бинобар ин мақсадҳо барои фаъолияти марказҳои тиббии бисёрсоҳа имконоти васеъ фароҳам оварда мешавад.

Маркази тиббии бисёрсоҳаи «Sinomed», ки дар ноҳияи Олмазор ҷойгир шудааст, ҳоло оид ба тамоми самтҳои муҳим, мисли таваллуд, педиатрия, ҷарроҳӣ, травмотология, ортопедия, эндокринология ва ғайра хидмат мерасонад.

Марказ аз ҳисоби 30 миллион доллар бунёд гардида, таҷҳизоти замонавии тиббии он аз Британияи Кабир, Италия, Ҷопон ва Олмон харид шудаанд.

Дар клиника шуъбаҳои ташхис ва статсионарӣ фаъолият доранд. Марказ соле метавонад то 4500 беморро қабул намояд. Дар ин ҷо беш аз 300 ҷойи корӣ мавҷуд буда, зиёда аз 80 нафар духтур фаъолият доранд. Беш аз 60 мутахассис дар хориҷ аз кишвар, аз ҷумла дар Куриёи Ҷанубӣ, Олмон, Туркия, Ҳиндустон, Ҷопон ва ИМА ихтисоси худро такмил додаанд. Ғайр аз ин дар клиника мутахассисони хориҷӣ ҳам кор мекунанд.

Дар сохтори марказ нахустин маҷмӯи таваллудгоҳи хусусӣ дар шаҳри Тошканд кушода шудааст, ки он дар як вақт ба 30 нафар бонувон хидмат мерасонад. Дар оянда вусъат додани миқдори катҳо ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар клиника ваксинатсия ва муоинаи профилактикии бачагон анҷом дода мешавад.

Дар клиника колл-марказҳо ва бригадаҳои махсуси патронажӣ амал мекунанд. Инчунин имконияти беморонро дар маҳалли зисташон муоина кардан мавҷуд аст.

Ғайр аз ин дар он дар ҷумҳурӣ бузургтарин маркази хусусии ваксинатсия, инчунин ягона маркази стерилизатсия дар сектори хусусӣ таъсис ёфтааст.

Роҳбари давлат бо хидматҳои бисёрсоҳаи тиббии марказ, ҳамчунин бо шароите, ки барои беморон фароҳам оварда шудааст ва ӯтоқҳои амбулаторӣ шинос гардид.

Баробари ин, роҳбари давлат бо тартиботи бонизом, ки барои занон аз замони ҳомила то таваллуд ва давраи пас аз таваллуд омода карда шудааст, шинос гардид.

– Хидмати доягӣ, муоинаи то таваллуд яке аз масъалаҳои муҳим аст. Таваллуд, хусусан тавлиди фарзанди аввал, барои модар набояд ҳолати стресс ба вуҷуд оварад. Агар модари оянда мунтазам зери муоинаи тиббӣ қарор гирифта, сари вақт муолиҷа карда шавад, дар вай мафҳуми ғамхорӣ нисбати худ ва кӯдаки солим ташаккул меёбад, – таъкид кард Президент.

Роҳбари давлат бо кӯдаконе, ки дар майдони бачагонаи маркази гуногунсоҳа ташкил гардидааст, машғули бозӣ буданд, суҳбат намуд.

– Дастоварди асосии мо, ин мисли шумо шифокороне мебошанд, ки дониши андӯхтаашонро дар мамлакатамон татбиқ мекунанд. Шоистаи зикр аст, ки зимни татбиқи тиббиёти хусусӣ дар бораи рақобат бояд ёд кард. Одамон вақте интихоби зиёдро молик мегарданд, ки агар рақобат вуҷуд дошта бошад. Агар миқдори марказҳои хусусии тиббӣ зиёд гардад, аҳолӣ метавонад хидмати босифатро бинобар маблағе, ки барои муолиҷа харҷ менамояд, бигирад, – таъкид кард роҳбари давлат дар суҳбат бо ҷамоаи клиника.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**Беҳруз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА.**

# МАРКАЗИ «ИНСОН» – МАНЗИЛИ БОВАРИБАХШИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

***Имрӯз дастгирии аҳолии ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ, ҳалли саривақтӣ ва самараноки мушкилоти онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ гардидааст. Бо ин мақсад марказҳои хидматрасонии иҷтимоии «Инсон», ки дар саросари кишварамон таъсис дода шудаанд, ҳамчун пули муҳим байни аҳолӣ ва давлат хидмат мекунанд.***



«Инсон» зиёда аз 100 намуди хидматрасонӣ, аз ҷумла кумаки иҷтимоӣ ва молиявӣ, хидматрасониҳои иҷтимоии хонагӣ, хидматрасонии барқарорсозӣ ва нигоҳубин, машварати равонӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба шуғли шахсони маъюб, системаи таъмини воситаҳои техникии барқарорсозӣ ва маҳсулоти протези ортопедиро пешниҳод мекунад. Муҳимтар аз ҳама, вазъи ҳар як шаҳрванд, ки муроҷиат мекунад, омӯхта мешавад ва роҳи ҳалли он дар асоси равиши инфиродӣ пайдо мешавад.

Чуноне ки Сарвари давлат оиди зарурати ислоҳоти куллии ин низом ва таъмини мақсаднок ва самаранокки кумаки иҷтимоӣ таъкид кардааст: «Дар ин самт ягон равиши умумӣ вуҷуд надорад. Сарнавишти ҳар як оила ва шахс ба равиши инфиродӣ ва касбӣ ниёз дорад. Агар хидматрасонии иҷтимоӣ дуруст ба роҳ монда шавад, шаҳрвандони ниёзманд ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо мекунанд. Агар мо хоҳем, ки дар ҷомеаи худ адолати иҷтимоӣ ва шаъну шарафи инсонро таъмин намоем, бояд аз ин низоми нав самаранок истифода барем ва ба одамони ниёзманд ҳисси дастгирӣ ва умед бахшем».

Ин низом аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки барои баланд бардоштани қадри инсон ва некӯаҳволии аҳолӣ хидмат мекунад.

– Дар кишвари мо принсипҳои давлати иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ афзалият доранд. Бар асоси ин арзишҳо, марказҳои «Инсон» дар ҳар минтақа кушода мешаванд ва хидматрасонии иҷтимоиро ба аҳолӣ наздиктар мекунанд, – мегӯяд сармутахассиси Маркази хидматрасонии «Инсон»-и ноҳияи Косонсойи вилояти Наманган Ҷавлонбек Абдуллоев. – «Инсон»-и ноҳия ба аҳолӣ дар асоси тамоюли «як равзана» хидмат мерасонад ва барои ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар маҳал мусоидат мекунад. Дар марказ 23 мутахассис ва 56 нафар корманди иҷтимоӣ бо тоифаҳои гуногуни аҳолии ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ кори мақсаднокро ба роҳ мондааст. Агар ба баъзе рақамҳо назар андозем, дар тӯли солҳои 2024-2025 87,4 ҳазор нафар бо хидматрасонии иҷтимоӣ ва кумак фаро гирифта шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими марказ – равона будани фаъолияташ ба ҳалли мушкилот на танҳо дар сатҳи индивидуалӣ, балки дар сатҳи ҷомеа мебошад. Баргузории вохӯрӣ, семинар ва барномаҳои омӯзишӣ сатҳи огоҳии шаҳрвандонро баланд бардошта, онҳоро ба ҳаёти фаъол ва мустақилона ҳидоят мекунад.

Мутахассисони марказ – равоншиносон, ҳуқуқшиносон ва кормандони иҷтимоӣ бо таҷриба ва масъулияти баланд фаъолият намуда, барои беҳтар кардани зиндагии шаҳрвандон ва ҳалли мушкилоти онҳо саҳми арзанда мегузоранд. Маҳз чунин муносибати касбӣ боис мегардад, ки марказ эътимоди ҷомеаро ба худ ҷалб намояд. Фаъолияти он намунаи равшани ғамхорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулияти иҷтимоӣ буда, барои рушди ҷомеаи солим ва устувор заминаи мусоид фароҳам меорад.

Барои таъмини иҷрои Қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба боз ҳам беҳтар кардани низоми хидматрасонии иҷтимоӣ ва кумак ба кӯдакони маъюб» дар ҳудуди маҳаллаҳои «Гулбоғ» ва «Ҷар»-и ноҳия Маркази нигоҳубинии рӯзонаи «Чашмаи меҳр» ва «Меҳрубон» ташкил ёфта, 30 нафар кӯдакони маъюби синнашон аз 3 то 18-сола қабул карда шудаанд. Шуғли волидони дар хидмат иштирокдошта таъмин гардид.

Имрӯз хидматрасонии иҷтимоӣ на танҳо вазифа, балки масъулияти муштараки мост барои ҷомеа, ки ҳеч касро танҳо намегузорад. Дар кишвари мо ба дастгирии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла шахсони маъюб, барои ҳифзи ҳуқуқ ва боз ҳам баланд бардоштани фаъолияти иҷтимоии онҳо аз ҷониби давлат аз ҳар ҷиҳат диққати махсус дода мешавад.

Дар солҳои 2024-2025 барои ҷалби кӯдакони дорои маълӯлият ба таҳсил як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, айни замон дар 30 мактаби ноҳияи Косонсой 53 синфи инклюзив фаъолият мекунад. Дар синфҳои инклюзиви муташаккил 84 кӯдаки ногиро таҳсил мекунанд. Ба ин кӯдакон 52 омӯзгори махсус дар шароити инклюзив таълим медиҳад.

Яке аз ҷанбаҳои ҷолиби рушди соҳа – ҳамаи равандҳо рақамӣ шуда, табибони оилавӣ ҳуҷҷатҳои тиббии шаҳрвандонро барои баррасӣ ба комиссияи ташхиси тиббӣ ва иҷтимоӣ ба таври электронӣ пешниҳод мекунанд.

Сабти онлайн барои гирифтани кумак, пойгоҳҳои ягонаи маълумот ва машваратҳои фосилавӣ вақти шаҳрвандонро сарфа намуда, шаффофиятро афзоиш медиҳанд. Ин навоварӣ, махсусан барои сокинони деҳот ва шахсони дорои маҳдудияти ҳаракат, дари имкониятҳои навро мекушояд.

– Барои таъмини иҷрои Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба такмили низоми таъмини шуғли шахсони маъюб» корҳои назаррас амалӣ шуда, 1055 нафар шахсони маълӯл ба кор ҷалб карда шуданд, – афзуд Ҷ. Абдуллоев. – Аз ҷумла, ҶММ «Terry Jar», ки дар ноҳия фаъолият мекунад, аз имтиёзҳои пешниҳодшуда барои таъмини шуғли шаҳрвандони маъюб васеъ истифода мебарад. Корхона 33 нафар маъюбонро бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин кард ва барои мутобиқ кардани маълӯлон аз хидматҳои равоншинос ва сурдолог истифода мебарад.

Дар ноҳия, дар доираи барномаи «Қадам ба зиндагии фаъол», 45 нафар шахсони худкор ва 2 субъекти соҳибкорӣ ташкил ёфта, аз ин шумор 290 нафар ба хидматрасонии иҷтимоӣ ва маишӣ дар хона, 45 нафар ба хидматрасонии нигоҳубини хонагӣ, 39 нафар ба хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ, 8 нафар ба хидматрасонии рӯзона ба пиронсолон ва маъюбони ниёзманд ҷалб карда шудаанд.

Солҳои охир равиши хидматрасонии иҷтимоӣ тағйир ёфтааст. Агар пештар диққат бештар ба кумаки якдафъаина равона шуда бошад, имрӯз мафҳуми «тавоно сохтани инсон» дар марказ қарор дорад. Барномаҳои омӯзишӣ, машваратҳои равонӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ва рушди малакаҳои касбӣ ба шаҳрвандон кумак мекунанд, ки то мустақилона зиндагии худро беҳтар созанд.

Марказҳои иҷтимоӣ инчунин ба занони бекор омӯзишҳои касбӣ – дӯзандагӣ, қаннодӣ ё хидматрасонии рақамӣ пешниҳод мекунанд. Натиҷа на танҳо даромад, балки эҳсоси эътимод ба худ ва фаъол шудани иштирок дар ҳаёти ҷомеа аст.

Рақамҳои овардашуда танҳо баъзе аз самтҳои ҳифзи иҷтимоии аҳли ноҳия мебошанд. Бешубҳа, фаъолияти ин марказ омили муҳим дар таъмини адолати иҷтимоӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва тақвияти эътимоди шаҳрвандон ба оянда мебошад.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*



*Маҷмааи чорводории ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «KAUSAR TEGIRMON»-и ноҳияи Тахтакӯпири Ҷумҳурии Қароқалпоқистон соли 2024 таъсис ёфтааст.*

*Хоҷагӣ бо истифода аз қарзи имтиёзноки 32 миллиард сӯмии «Агробонк» аз кишварҳои Олмон, Дания ва Украина 120 сар чорвои зоти «Симентал» ворид намудааст.*

*Айни замон шумораи умумии чорвои хоҷагӣ ба 170 сар расидааст. Аз чорвои зотӣ дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 400 литр шир гирифта шуда, он дар сехи назди хоҷагӣ коркард мегардад. Маҳсулоти ширӣ тибқи шартнома ба муассисаҳои таҳсилоти томактабии ноҳия расонда мешаванд.*

***Дар акс:** дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «KAUSAR TEGIRMON».*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

## *ХАБАРҲО*

### ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГ ДАР ДОМАНИ КӮҲҲО

***Тибқи қарори Президенти кишвар дар вилояти Сурхондарё се маркази бузурги сайёҳӣ таъсис дода мешавад. Яке аз ин лоиҳаҳо маркази сайёҳии «Сангардак» мебошад, ки масоҳаташ 615 гектарро ташкил медиҳад.***

Айни замон ҷараёни иҷрои лоиҳаҳои маҷмааи сайёҳии «Сангардак», аз ҷумла, корҳои сохтмонии роҳи ресмонӣ, меҳмонхона ва иншооти савдову хидматрасонӣ, корҳои ободонӣ, нигоҳубини минтақаҳои сабз ва тозаву озода нигоҳ доштани қитъаҳои муайяншуда идома дорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин маҷмааи сайёҳӣ дар оянда ба рушди иқтисодиёти минтақа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва табдил ёфтани Сангардак ба яке аз самтҳои бузурги сайёҳии кишвар хидмат хоҳад кард.

### ҲАШАРИ УМУМИВИЛОЯТӢ

***Бо ташаббуси ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов, ба мақсади боз ҳам фаъол гардондани корҳои ободонӣ дар сартосари вилоят, аз 15 январ то 15 феврал, ҳашари умумивилоятӣ баргузор мегардад.***

Дар доираи ҳашар маҳаллаву хонадонҳо, атрофи манзилҳои бисёрошёна, хонаҳои истиқоматӣ, гузаргоҳу хиёбонҳо, зиёратгоҳу қабристонҳо ва кӯчаву майдончаҳои бозии кӯдакон ҳусни тоза пайдо хоҳанд кард.

Ҳамчунин, ба қишри ниёзманди аҳолӣ – оилаҳои камбизоат, беморон, пиронсолон ва маъюбон кумаки моддӣ расонида мешавад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## Зеҳни сунъӣ:

# АЗ АФЗАЛИЯТ ТО ПАЁМАДҲОИ НОХУШ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ин мавриd, масъалаи асосӣ на дар худи зеҳни сунъӣ, балки дар чӣ гуна истифода бурдани он аст. Зеҳни сунъӣ бояд ба инсон хидмат кунад, на инсон ба он. Агар мо онро дуруст ва бамаврид, бо дарки эҳсоси масъулият истифода намоем, он метавонад зиндагиро беҳтар, омӯзишро осон намояд.

**– Аксар бар он назаранд, ки мавҷудияти зеҳни сунъӣ қисман боиси кам гардидани ниёзи корхонаҳо ба кормандон мешавад. Яъне зеҳни сунъӣ ҷойи кори одамонро ишғол мекунад. Шумо дар ин бора чӣ назар доред?**

– Андешаи «зеҳни сунъӣ кори моро аз дастамон мегирад», начандон дуруст аст. Инро метавонем бо чанд мисоли ҳаётӣ эзоҳ диҳем. Масалан, қаблан ҳисобдорон ҳисобу китобро бо ёрии калкулятор анҷом медоданд, имрӯз бошанд, бо истифода аз барномаҳои муосир фаъолият мекунанд. Ё кормандони бонк: онҳо пештар гузоришҳоро дар коғаз менавиштанд ва ҳоло метавонанд тавассути барномаҳои компютерӣ корро зуд ва дақиқ иҷро намоянд. Дар ин замина, касбҳои нав низ пайдо мешаванд. Имрӯз талабот ба мутахассисони коркарди низомҳои зеҳни сунъӣ, таҳлилгарони маълумот, коршиносони маркетинги рақамӣ ва шахсоне, ки ба масъалаҳои ахлоқи зеҳни сунъӣ машғуланд, афзудааст.

Фарз кардем, дар шуъбаи кредити бонк 10 нафар мутахассис кор мекунанд. Пас аз ҷорӣ шудани зеҳни сунъӣ равандҳои кредитдиҳӣ автоматӣ мешавад. Аммо ин маъноеро надорад, ки он кормандон бекор монданд. Панҷ нафар аз онҳо кор бо зеҳни сунъиро меомӯзанд ва фаъолияти худро боз ҳам самаранoктар идома медиҳанд. Се нафар ба кор бо муштариён сафарбар мегарданд ва ду нафари дигар фаъолияти дурусти низоми зеҳни сунъиро назорат ва таъмин хоҳанд кард. Яъне ҷойҳои корӣ аз байн намераванд, балки усули кор тағйир меёбад, аз кормандон малакаҳои нав талаб мешавад ва дар охир самаранокии меҳнат меафзояд.

Хулоса, зеҳни сунъӣ ба шумораи кормандон таъсир намерасонад, балки тарзи корро тағйир медиҳад, имкониятҳои нав фароҳам меорад ва инсонро ба рушд ҳидоят мекунад. Дар ин раванд муҳимтарин омил – омӯзиши пайваста, зуд аз худ кардани технологияи нав ва мутобиқ шудан ба тағйирот мебошад. Ба ин тартиб, зеҳни сунъӣ ба мо на рақиб, балки ёвар аст. Касе, ки онро дуруст истифода мебарад, имкони бештари муваффақ шуданро соҳиб хоҳад шуд.

Сӯҳбаторо
**Шоҳсанам ЙӮЛДОШЕВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Фармони Президент – дар амал

# БАРНОМАИ ПЕШРАФТ ВА БУНЁДКОРӢ

*Барои халқ, баъди нон, аз ҳама муҳимаш мактаб аст.*
**(Ҷорҷ ДАНТОН).**

***Оре, бе маърифату бе саводу дониши кофӣ ягон давлату мамлакат рушду нумӯъ нахоҳад кард. Таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳу сифати таълими насли наврас меҳвари фаъолияти ҳукумати Ӯзбекистони Нав, таваҷҷуҳи пайвастаи сарвари давлатамон қарор дошту дорад.***
***Суҳбати мо бо сардори Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Самарқанд Музаффар ҲАМДАМОВ роҷеъ ба таълим ва вазифаҳои асосии аҳли маориф ба вуқӯъ пайваст.***




– Дар Паёми пурмазмун ва пурмуҳтавои сарвари давлатамон ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон дар баробари дигар масоили муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ сари масъалаҳои такмилу баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, мустаҳкам намудани пояҳои ахлоқии ҷомеа ба таври махсус таъкид ёфт, – иброз дошт Музаффар Яздонқулович, – инчунин дар Стратегияи «Ӯзбекистони Нав – 2030» низ рушди маорифи кишвар дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба назар гирифта шудааст.

**– Ба фикри шумо, дар ин ҷода кадом амалҳоро метавон сараввал ба анҷом расонд?**

– Тақвияти нерӯи фикрии омӯзгорони ҳамаи зинаи таҳсилот ба таври доимӣ тавассути такмили ихтисос, иштирок дар озмунҳои «Омӯзгори беҳтарини сол», олимпиадаҳои фаннӣ, коркарди барномаҳои мақсадноки омӯзишӣ вобаста ба таҳсилот, таъминот бо асбобҳои айёнӣ, сомонаҳои интерактив, ҷалби мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ, кам намудани коғазбозӣ, таъмини мустақилияти роҳбарони мактабҳо ва ғайра мебошанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳоло дар вилояти Самарқанд як ҳазору 275 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва 55 ғайридавлатӣ арзи вуҷуд дошта, дар онҳо қариб 780 ҳазор нафар толибилмон таҳсил мегиранд, ба онҳо беш аз 61 ҳазору 800 нафар омӯзгорон аз фанҳои гуногун сабақ медиҳанд. Ин рақам дар муқоиса нисбат ба соли 2024-ум 3,5 дарсад афзоиш ёфтааст.

Соли гузашта аз 50 ҳазору 284 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ 13 ҳазору 499 нафар (27 фоиз) ба донишгоҳҳои давлатӣ қабул шуданд.

**– Сабаб, яъне калиди пешравӣ дар чист?**

– Афзоиши фарогирии ҳудудии сифати таҳсилот ба мақсади кам кардани нобоварӣ ва нобаробарӣ, зиёд кардани самаранокӣ ва шавқмандии омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилотӣ, дар чорчӯбаи қонун корбарӣ намудан, ҳамкорӣ бо волидону маҳалла, макони зисти толибилмон ва ғайра мебошанд. Боз як навиди ҷолиби диққат он аст, ки танҳо соли гузашта бо дастгирии бевоситаи ҳокими вилоят Адиз Бобоев дар 135 мактаби таҳсилоти ҳамагонии вилоят 135 синфхонаи васеъ, хушҳаво ва замонавии компютерӣ ташкил ёфта, бо тахтаҳои электронӣ таъмин гардиданд.

Роҳбарони мактабҳо дар курсҳои менеҷмент таҳсил ва сертификат гирифтаанд.

**– Ба фикри шахсии ман, ки бо тақозои касби журналистӣ дар бисёр мактабҳо рафтуо дорам, дидаам, мушоҳида кардаам, онҳое, ки ба насли наврас таълиму тарбия медиҳанд, ҳамаашон ҳам ба номи муътабари муаллим муносиб нестанд. Шоири мо Носири Хусрав байте дорад:**

*Ҳар он касро, ки бошад*
*роҳбар бум,*
*Набинад ҷуз, ки вайронӣ*
*бари бум!*

**Агар далели раднопазир лозим бошад...**

– Не-не! Он чӣ аён аст, чӣ ҳоҷати баён аст, мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Ба маълумоти шумо расонам, ки устухони ман бо нони ҳалолу покизаи муаллимӣ сахт шудааст. Раҳматӣ падари бузургворам Яздонқул Ҳамдамов фаъолияти меҳнатро аз омӯзгори мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ оғоз намуда, то дараҷаи мудири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Тайлоқ расида буданд. Қиблагоҳам ҳамеша мегуфтанд, ки дар масъалаи таълиму тарбия, аз ҳама муҳим – муаллим, тафаккуру ҷаҳонбинии ӯ, дараҷаи илму дониш ва албатта, муносибаташ ба шогирдон мебошад. Охир тарбиядиҳанда худботарбия бошад, тарбиягиранда ҳам дорои тарбияву ахлоқу одоб мешавад-дия! Деҳқон гандум кишт намуда, ҷав намегирад. Боз шумо медонед, ки биринҷ бе курмак намешавад. Бо тадриҷ, дар асоси талаботи замон мактабҳо ва кӯдакистон, яъне муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин хоҳанд шуд.

**– Тавассути расонаҳои ахбори оммавӣ ва маълумоти оморӣ хабардор ҳастем, ки дар масъалаи таълими томактабӣ дар садорати шумо низ комёбиҳо назаррасанд...**

– Аз ҳаракат – баракат. Ҳоло дар вилояти Самарқанд 780 ташкилоти таълими томактабии давлатӣ ва чаҳор ҳазору 158 муассисаи таълими томактабии ғайридавлатӣ, яъне хусусӣ мавҷуд буда, қариб 300 ҳазор нафар кӯдаконро фаро гирифтааст. Дар кӯдакистон барои ба замона хос таълиму тарбия додан шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Насли наврас аз айёми бачагӣ забонҳои хориҷӣ меомӯзанд, бо олами мусиқӣ шинос мешаванд, расм мекашанд ва бо варзиш машғул мешаванд. Чанде пеш дар шаҳри Самарқанд мусобиқаи шатранҷбозон баргузор гардид ва аз муассисаҳои томактабӣ низ писаракону духтаракон болои тахтаи шоҳмот мӯҳра ронда, мухлисонро дар ҳайрат гузоштаанд.

Ба маълумоти шумо расонам, ки дар асоси қарори Президенти мамлакат дар кӯдакистонҳо низ маҳфили шоҳмот амал мекунад.

Камина ҳамчун ноиб-раиси федератсияи шоҳмоти вилоят ба ин намуди варзиши шавқангез диққату эътибори махсус медиҳам.

**– Агар фурсату имконияҳои истироҳату фароғат фаро расад, бо чӣ корҳо машғул мешавед?**

– «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гӯён адабиёти бадеиро варақ мезанам, дар замини назди ҳавлӣ мисли раҳматӣ падарам бо деҳқонӣ ва боғбонӣ машғул мешавам. Охир, самараи меҳнати ҷисмониро дидан лаззатбахш аст. Воқеан, ҳар гоҳ дар мактабҳои соҳиби минтақаи замини корам ва боғу токзордошта равам, албатта бо комёбиҳои деҳқону боғбонони ҷавон шинос мешавам, аз рӯйи имконият ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ рағбатнок месозам.

Инчунин ба китобхонаҳои таълимгоҳ сар халонда, ҷевони китобҳоро аз назар мегузаронам, барои ғанӣ шудани онҳо ба масъулон супориш медиҳам.

**– Хеле олӣ, вале дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии онҳо асарҳо ба забони тоҷикӣ – забони модарии толибилмон хеле кам аст...**

– Ин муаммо ҳаллу фасл шуда истодааст. Бо Вазорати таълими халқи Тоҷикистон шартномаи ҳамкорӣ баста, дар арафаи иди Наврӯзи оламафрӯз аз нашриётҳои Душанбешаҳр асарҳои гуногуни бадеӣ ба забони тоҷикӣ ирсол хоҳад ёфт. Умедворӣ дорем, ки дар тадбирҳои тақсимкунӣ шумо низ иштирок карда, барои «Овози тоҷик» хабар менависед.

**– Дар мусоҳибаи имрӯза иловае доред?**

– Аз фурсат истифода бурда, ба мардуми Ӯзбекистони Нав осмони мусаффо, рӯзгори пурбаракат, осоиштагӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам!

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»дар**
**вилояти Самарқанд.**

***Ҷавонон ояндаи ҳар як кишвар, асоси тараққиёт ва рамзи умед ба фардои равшан мебошанд. Дар Ӯзбекистони Нав, ки роҳи инкишофи босуръат ва ислоҳоти амиқро пеш гирифтааст, нақши насли ҷавон муҳим аст. Имрӯз беш аз 60 фоизи аҳолии кишвари моро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин барои рушди босуръати Ватан имкониятҳои беохир фароҳам меоварад.***

# САҲМИ НАСЛИ НАВРАС ДАР РУШДИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

Асоси ҳар гуна тараққиёт таҳсил ва дониши баланд мебошад. Насли наврас имрӯз дар Ӯзбекистон имкониятҳои васеъ барои омӯзиш дорад: мактабҳои замонавӣ, коллеҷ, литсей, донишгоҳҳои миллӣ ва хориҷӣ. Ҳукумат лоиҳаҳои зиёдеро барои беҳгардонии низоми таълим амалӣ мекунад, грантҳо дар донишгоҳҳои беҳтарини ҷаҳон пешниҳод мешаванд. Ҷавони имрӯза бояд аҳамияти таҳсилро дарк кунад. Илм ва дониш на танҳо калиди муваффақияти шахсӣ, балки восита барои хидмат ба Ватан мебошад. Ҳар наврасе, ки илм меомӯзад ва дониши худро васеъ мекунад, дар ҳақиқат ба тараққиёти кишвар саҳм мегузорад.

Муҳим аст, ки ҷавонон на танҳо донишҳои назарӣ, балки малакаҳои амалӣ низ пайдо кунанд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, коркарди технологияҳои рақамӣ, ҷустуҷӯйи доимии донишҳои нав ва омода будан ба дигаргуниҳои заминаи иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – ин ҳама талаботи замони муосир маҳсуб мешаванд.

Солҳои охир дар Ӯзбекистон зиёда аз 70 муассисаи таълими олӣ фаъолияти худро оғоз намуданд, ки донишҷӯёни зиёде дар онҳо таҳсил мегиранд ва ҳазорҳо толибилмони дигар таҳсилгирандаи донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ ҳастанд ва бо донишҳои омӯхтаи худ мехоҳанд, ки ба Ватан баргарданд ва онро обод кунанд. Ин нишонаи умед ба ояндаи дурахшон мебошад.

Соҳибкорони ҷавон – таконбахшандаи асосии иқтисодиёти муосир мебошанд. Солҳои охир дар Ӯзбекистон барои рушди соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам гардид: раванди сабти номи тиҷорат осон шуд, имтиёзҳои андоз пешниҳод мегарданд, соҳибкорони ҷавон дастгирӣ карда мешаванд.

Ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ – сифатҳое ҳастанд, ки барои ҷавонони имрӯза хеле муҳиманд. Бисёр ҷавонон корхонаҳои хурд месозанд, дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, савдо, хидматрасонӣ, саноати хӯроквroutӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳоти ҷамъият машғул мешаванд. Онҳо на танҳо барои худ ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд, балки барои дигарон низ имкониятҳои нав фароҳам меоваранд. Стартапҳои ҷавонон – дар соҳаҳои гуногун, аз IT то кишоварзии органикӣ, аз бизнеси экологӣ то хидматрасонии рақамӣ – далели он ҳастанд, ки насли наврас омодаанд, ки масъулияти инкишофи иқтисодии кишварро ба дӯш гиранд. Бисёр аз ин лоиҳаҳо на танҳо дар кишвар, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ шинохта шудаанд.

Дар асри технологияҳои рақамӣ ҷавонони пешсаф технологияҳои муосиру барномасозиро зуд меомӯзанд, платформаҳои рақамӣ эҷод мекунанд ва ба рақамикунонии иқтисодиёти Ӯзбекистон мусоидат менамоянд.

Саҳми насли наврас ба рушди Ӯзбекистони Нав танҳо бо таълим ва иқтисодиёт маҳдуд намешавад. Комёбиҳои ҷавонон дар соҳаҳои фарҳанг, ҳунар ва варзиш низ зиёданд. Адибон ва шоирони ҷавон, мусиқидонон, рассомон, санъаткорони театр ва кино бо осори худ фарҳанги миллиро ғанӣ мегардонанд ва онро дар сатҳи ҷаҳонӣ маъруф месозанд. Варзишгарони ҷавони мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, Бозиҳои Осиё ва олимпӣ Ӯзбекистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд. Ҳар медале, ки ба даст меояд, на танҳо муваффақияти шахсӣ, балки ифтихори миллӣ, нишонаи қодир будани ҷавонони мо ба дастовардҳои бузург мебошад.

Ҷавонони эҷодкор дар рушди саноати ҷаҳонгардӣ, таблиғи диёр дар ҷаҳон, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва расонидани он ба насли оянда саҳми бузург мегузоранд. Онҳо бо воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ, торнома, каналҳои иҷтимоӣ анъанаҳои миллӣ ва фарҳанги ғании Ӯзбекистони Навро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

Яке аз нишонаҳои баланди маданияти ҷамъиятӣ – фаъолияти ихтиёрӣ ва хидмат ба одамон мебошад. Ҷавонони Ӯзбекистон бештар ба ташкилотҳои волонтёрӣ ҳамроҳ мешаванд, дар лоиҳаҳои хайрия иштирок мекунанд, ба одамони ниёзманд ёрӣ мерасонанд. Хидмати ихтиёрӣ дар соҳаҳои гуногун – кӯмак ба калонсолон, нигоҳубини муҳити зист, ёрӣ ба атфол, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, таълими забон ё компутер ба онҳое, ки ниёз доранд – ҳамаи ин намудҳои фаъолияти ҷавонон барои манфиати ҷамъият мебошанд. Ҷавононе, ки дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъоланд, малакаҳои роҳбарӣ, кор дар гурӯҳ пайдо мекунанд. Онҳо ҷамъиятро беҳтар мефаҳманд, масъалаҳои онро медонанд ва мехоҳанд, ки дар ҳалли онҳо саҳм гузоранд. Ин фаъолият на танҳо ба ҷамъият, балки ба худи ҷавонон низ фоида меоварад.

Ҷавонони имрӯза волидони фардо ҳастанд. Онҳо фарзандони худро тарбия мекунанд, ба онҳо чӣ хел арзишҳоро меомӯзанд – ин ояндаи Ӯзбекистонро муайян мекунад. Ҷавоне, ки худаш хуб омӯхта, меҳнаткаш, ватандӯст ва дорои фазилатҳои ахлоқӣ аст, фарзандони худро ҳам дар ҳамин рӯҳ парвариш медиҳад.

Баъзе ҷавонон ба масъалаҳои бекорӣ рӯ ба рӯ мешаванд, баъзеҳо на ҳамеша метавонанд таҳсилоти босифат гиранд, баъзеҳо барои оғози кор ё бизнес таҷрибаи кофӣ надоранд. Муҳим аст, ки ҷамъият ва давлат ҷавононро дастгирӣ кунад: барномаҳои омӯзишӣ ва маҳоратафзоӣ ташкил намояд, кредитҳои хурд барои тиҷорат пешниҳод намояд. Ҷавонон аз одатҳои зараровар чун бозиҳои компутерӣ, сарфи бефоидаи вақт дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дурӣ ҷӯянд. Ҳаёти солим, машғулиятҳои варзишӣ, хондани китоб, фаъолияти эҷодӣ – инҳо роҳи ҳақиқии инкишофи шахсӣ ва саҳмгузорӣ ба пешрафти ҷамъият мебошанд.

Бо як сухан, ҳар як ҷавоне, ки аз таҳти дил дарс мехонад, ҳар соҳибкоре, ки корхонаи нав месозад, ҳар барномасозе, ки барномаи инноватсионӣ эҷод мекунад, ҳар варзишгаре, ки медал мегирад ва ҳар волонтёре, ки ба одамон ёрӣ мерасонад, дар сохтани Ӯзбекистони Нав саҳм доранд.

**Фарида ШОЙМАРДОНОВА,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби таълими ҳамагонии рақами 53-юми ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё.**

*Акси садо*

# «АНДОЗА НИГОҲ ДОР, КИ...»

Тӯй – сур, ҷашну хурсандист. Онро ҳама меписандад. Тӯй додан орзуву нияти ҳар як падару модар, бобову момоҳост. Вале тавре ки мегӯянд, ҳамааш бояд мувофиқи ойинҳо ва дар ҳадду меъёр бошад, то ки ба маъракаи худнамоиву сарфу хароҷоти беҳуда табдил наёбад. Шоире фармудааст:

*Андоза нигаҳ дор,*
*ки андоза накӯст.*
*Ҳам лоиқи душман аст,*
*ҳам лоиқи дӯст.*

Яъне агар онро бо меъёр, камсарф ва бидуни исроф гузаронӣ, ту обрӯмандӣ, соҳибэҳтиромӣ, агар не сабаби таъна.

Дар боби ин масъалаҳо магистранти Донишгоҳи омӯзгории Ҷиззах Муаттар Абдуева дар навиштааш «Тӯйи якрӯза ғавғои садрӯза нашавад» («Овози тоҷик», №89, 05.11.2025) ва ба он акси садои омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш Собир Эргашев «Аз андоза бартар манеҳ пойи хеш» («Овози тоҷик», №94, 22.11, с.2025) ном мақолааш афкори ҷолибу хонданӣ пешниҳод кардаанд.

– Дар маҳаллаи мо, – мегӯяд раиси маҳаллаи Болои ноҳияи Чуст Файёзҷон Ҷӯраев, – умуман, дар деҳаи Варзик тӯю сур назар ба солҳои пеш хеле каммасраф мегузаранд, ки хуб аст. Қудоён бо сардорони кӯчаҳо ва мо маслиҳат карда, маърака медиҳанд, тӯйҳо то як рӯз маҳдуд шуданд.

Раиси бунёди «Нуронӣ»-и маҳаллаи мазкур Ҳайдарҷон Каримов ба суҳбати мо ҳамроҳ шуд:

– Вале ҳанӯз дар баъзе тӯйҳо исрофкорӣ бисёранд. Чунончӣ, ба мардум камарбанд додан манъ шуда буд, ҳоло боз авҷ гирифтааст. Ин маросимҳои зиёдатиро нест кардан лозим.

Ба наздикӣ дар кохи фарҳанги деҳаи Варзик ҷамъомад ба ин масъалаҳо бахшида шуд. Дар он раисони маҳаллаҳои Боло, Янгичак, Пилол ва Майдон, роҳбарони бунёди «Нуронӣ», раисони кумитаҳои занону духтарон, сардорони кӯчаҳо, фаъолон, аз ҷумла вакилони ҳокимияти ноҳияи Чуст ҳузур доштанд.

Дар тадбир мутахассиси масъалаҳои дини ҳокимияти ноҳия Илёсхон Нуриддинов зикр кард, ки шумораи сафариёни ҳаҷу умра меафзояд. Шукри Худо, онҳоро баъди бозгашташон табрику зиёраткунандагон ҳам кам нестанд, ки ба зиёратҳои пурдабдаба мубаддал мегарданд. Чунин зиёфатдиҳиҳоро низ ба тартиб андохтан, маҳдуд кардан лозим. Роҳбари шуъбаи ноҳиявии Маркази маънавиёт ва маданияти ҷумҳурӣ Саидахон Насимхонова низ андешаи ӯро дастгирӣ намуд.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Майдон Мирзоҳид Калонов, собиқадори таълим Назирҷон Эргашев ва шифокори нафақахӯр Орзугул Салоева низ баромад карда, вобаста ба гуфтаҳои нотиқон мулоҳизаҳои худро изҳор намуданд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

***Дар ноҳияи Чуст бо муносибати бунёди «Шаҳри ҳунармандон» санги асоси сохтмон гузошта шуд.***

# «ШАҲРИ ҲУНАРМАНДОН» БУНЁД МЕШАВАД

Ба роҳбари вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов дар бораи лоиҳа, инфрасохтор, устохонаҳои истеҳсолӣ, майдончаҳои савдо, павилонҳои намоишӣ ва иншооти хидматрасонӣ, ки барои ҳунармандон таъсис дода мешаванд, маълумот дода шуд.

Қайд кардан лозим, ки «Шаҳри ҳунармандон» дар рушди ҳунарҳои маҳаллӣ, ба ҷавонон омӯхтани касбу ҳунар, ба роҳ мондани тиҷорати маҳсулоти тайёр ва афзоиши салоҳияти сайёҳӣ нақши муҳим мебозад.

Барои дастгирӣ кардани фаъолияти ҳунармандон ҳамаи шароит ва имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда, зиёда аз 100 ҷойи корӣ таъсис карда мешавад.

Таъкид гардид, ки инфрасохтори маскан бояд ба ҳама қулай бошаду ба руҳияти анъанаҳои миллӣ мувофиқ.

Барои сари вақт ба истифода додани лоиҳа вазифаҳо муқаррар карда шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Наманган.**

# МАСКАНИ НАВ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Хонтепаи ноҳияи Сергелии пойтахт муассисаи нави таълими томактабии давлатӣ ба истифода супурда шуд.***




Дар маросими тантанавӣ ҳокими ноҳия Даврон Исматов ҳозиронро ба ин муносибат муборакбод намуд.

Ин бинои сеошёнаи замонавӣ бо воситаҳои таълиму тарбияи талаби имрӯза муҷаҳҳаз аст. Муассиса зиёда аз 270 нафар наврасро дар бар гирифта метавонад. Он аз ҷониби бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қурулиш инвест» бунёд гардид. Барои сохтмони бино 7 миллиарду 500 миллион сӯм маблағ харҷ шуд.

Дар ин маскани тарбия шабакаи санитарию гигиенӣ, нуқтаи тиббӣ, хонаҳо мувофиқи синну сол, толори мусиқӣ, шоҳмот, шашка, хонаҳои забонҳои хориҷӣ, ошхона, айвончаи тобистона, майдончаи бозӣ барин қулаиҳо бобати истироҳат ва илмомӯзӣ дар хидмати наврасон аст. Мураббиҳои бомалака аз усулҳои интерфаъол истифода намуда, машғулотро барои гурӯҳҳои хурдсол дар доираи Барномаи давлатии таълимии «Қадами аввал», ки ташаккул додани ҳаёти солими тарбиягирандагон, боло бардоштани салоҳияти ба зеҳни кӯдакон нигаронида шудааст, мегузаронанд. Мувофиқи он кӯдакон бо кӯмаки мураббиён расм кашидан, ҳар гуна нақш офариданро меомӯзанд ва дар бораи хосиятҳои фоидабахши меваву сабзавот маълумот мегиранд. Ҳамчунин нутқ ва саводи кӯдакон, донишҳои ибтидоии математикӣ, қобилияти эҷодии онҳо аз санҷиш гузаронида мешаванд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Имрӯз дар саросари мамлакат Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дорад.***

# БАРРАСИИ МОҲИЯТИ ДАСТУРУЛАМАЛИ МУҲИМИ СИЁСӢ

Дар доираи ҳамин ташаббус чанде пеш дар мактаби таълими умумии рақами 55-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд мулоқоти кушод баргузор гардид.

Дар чорабинӣ, ки аъзои гурӯҳи кории Маъмурияти Президент А. Азизов ва Н. Қаюмов, ҳокими ноҳияи Бӯка С. Исоқулов, муовинони ҳоким, намояндагони «Корвони маънавият», нурониён, фаъолони маҳалла ва ҷавонон иштирок карданд, сухан дар бораи мазмуну моҳияти Муроҷиатнома ва самтҳои асосии Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» рафт.

С.Исоқулов дар бораи вазифаҳои афзалиятноке, ки дар Муроҷиатнома ба миён гузошта шудаанд, аз ҷумла, масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таҳкими ислоҳот дар самти баланд бардоштани қадру манзалати инсон, беҳбуди низоми таълим, рушди фарҳанг ва ҳалли масъалаҳои мубрами сиёсати ҷавонон ҳарф зад.

Ҳамзамон, иштирокдорон оид ба мақсадҳое, ки дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» муайян гардидаанд, натиҷаҳои амалии ислоҳот дар маҳалҳо ва роҳҳои таъмини иҷрои босамари онҳо мубодилаи афкор намуданд.

Н. Қаюмов гуфт, ки Муроҷиатномаи Сарвари давлат барои ҳар як маҳалла, аз ҷумла, ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навобод» ҳамчун дастури амалӣ хидмат хоҳад кард. Ӯ таъкид намуд, ки ҳоло дар маҳаллаи «Навобод» дар доираи тамоюли «Маҳаллаи обод – кӯчаи обод – хонадони обод» корҳои ободонию бунёдкорӣ бо иштироки фаъолонаи аҳолӣ ва дастгирии мақомоти масъул бомаром идома доранд.

Зикр гардид, ки Муроҷиатномаи Президент на танҳо барои соли 2026, балки барои солҳои минбаъда низ роҳнамо ва дастуруламали муҳими сиёсӣ ба шумор меравад. Дар роҳи татбиқи ислоҳоти навин, таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум аҳамияти хос дорад.

Бояд гуфт, ки баргузории чунин мулоқоту вохӯриҳо бо аҳолӣ барои густариши фарҳанги сиёсиву ҳуқуқӣ, таҳкими эҳсоси масъулиятшиносӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Дар чорабинӣ роҳбарон ва масъулон ба саволу пешниҳодҳои сокинони маҳалла ҷавобҳои мушаххас доданд.

**М. МИРМАҲМАДОВ.**
*Вилояти ТОШКАНД.*




### *Гуфтаҳои бузургон*

**Адаб аз кӣ омӯхтӣ?**

Луқмонро гуфтанд:
– Адаб аз кӣ омӯхтӣ?
Гуфт:
– Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, парҳез кардам.

***

Ҳар кӣ дар хурдияш адаб накунад,
Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.
Чӯби тарро, чунон ки хоҳӣ печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.

**Аз «Гулистон»-и САЪДӢ.**

***

Обрӯйи гул зи рангу бӯйи ӯст,

Беадаб берангу бӯ, беобрӯст.

Навҷавонеро чу бинам беадаб,

Рӯзи ман торик мегардад чу шаб.

**Муҳаммад Иқболи ЛОҲУРӢ.**

Гирдоваранда
**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

*Аҷиб диёре*

# ТУҲФАИ ТАБИАТИ ДИЛФИРЕБ

## *ё худ нигоҳе ба зиёратгоҳи «Чилдухтарон»*

Дар Сурхон аз даврони куҳан ҷойҳои муқаддас зиёданд. Дар ноҳияҳои Тирмиз, Узун, Бойсун ва Сариосиёи воҳа бо ин ном зиёратгоҳҳо ба чашм мерасанд.

Яке аз онҳо, ки имрӯз низ бо номи «Чилдухтарон» шинохта мешавад, дар маҳаллаи Хондизаи деҳаи Хоҷаасмини ноҳияи Сариосиё воқест ва ҳамчун хокҷойи муқаддас зиёратгоҳи мардум гардидааст. Он дар баландие, ки Кӯҳи Сафед номида мешавад, ҷойгир аст. Назар ба ақидаи сокинон, сабаби Кӯҳи Сафед ном гирифтани ин макон он будааст, ки бо барфи пӯшида ва як манзараи хеле зебост. Дар пушти кӯҳ чил дарахти арча ҳаст, ки низ ҳусни зиёратгоҳи «Чилдухтарон» мебошад.

Бино ба ривояте маликае бо чил канизаки худ сайр доштааст. Ногаҳон чандин марди савори асп ҷониби онҳо ҳаракат мекунанд. Дар болои кӯҳ чил духтар кучо гурехтани худро надониста, аз Худованд илтиҷо менамоянд, ки онҳоро аз мардҳо амон диҳад. Илтиҷои онҳо иҷобат гардида, чил духтар ба чил дарахти арча табдил меёбанд.

Айни замон дар ин мавзеи хушбоду ҳаво чил арчаи сарсабз мавҷуд ва касе ба буридани онҳо майл намекунад, аҳолии гирду атроф арчаҳоро муқаддас мепиндоранд. Барилова, дар паҳлуи зиёратгоҳ қабре бо номи «Хоҷааспон», санги ғайритабиии доирашакл, ки «Санги паҳлавон» ҳам меноманд, ҳамчунин чашмаи «Шакарсеб» низ ҳастанд.

Ногуфта намонад, ки зиёратгоҳҳо бо номи «Чилдухтарон» дар дигар минтақаҳои кишвари азизамон, аз ҷумла дар ноҳияҳои Сӯх, Бешариқ, Марғелон ва Олтиариқи вилояти Фарғона низ мавҷуд буда, мардуми маҳаллӣ онҳоро чун ҷойи муқаддас пос медоранд. Дар баъзе ривоятҳои оид ба «Чилдухтарон» чил духтар гӯё ба чиҳил санг мубаддал гаштаанд. Онҳо дар намуди харсангҳои азимҷусса намудор мегарданд.

Ҳоло дар кишвари мо, хушбахтона, ба зиёратгоҳҳое, ки дар оғӯши табиат ҷойгиранд, эътибори бештар дода мешавад.

Хулоса, ҷойҳои муқаддас, аз ҷумла зиёратгоҳҳое, ки бо номи «Чилдухтарон» маълуманд, туҳфаи табиати дилфиреби диёрамон мебошанд.

Фикр мекунем, ообод кардани онҳо аз ҷумлаи корҳои хайру пурсавоб хоҳад буд, зеро ба наслҳои оянда мерос гузоштани зиёратгоҳҳои ободу зебо низ амали шоиста аст.

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Дили шайдо» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

## *Дили шайдо*

*Соқиё, бархезу дардеҳ ҷомро,*
*Хок бар сар кун ғами айёмро!*
*Соғари май бар кафам неҳ, то зи сар*
*Баркашам ин далқи азрақфомро.*
*Гарчи бадномист назди оқилон,*
*Мо намехоҳем нангу номро.*
*Бода дардеҳ, чанд аз ин боди ғурур*
*Хок бар сар нафси нофарҷомро!*
*Бо диломе маро хотир хуш аст,*
*К-аз дилам якбора бурд оромро.*
*Сабр кун, Ҳофиз, ба сахтӣ рӯзу шаб,*
*Оқибат рӯзе биёбӣ комро.*

*Ғусса зиёд нахӯр ва ғам ба дил роҳ мадеҳ, бо андаке талошу баҳрагирӣ аз ҳамфикрии дӯстони самимию якранг ва бузургтарҳо мушкилот бартараф мешавад. Дар интихоби дӯстон бисёр дақиқ бош ва ҳар киро, ки лофи дӯстӣ мезанад, ёр мапиндор. Дар сахтиҳо сабур бош.*

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

## АНГЕЗАҲО

Духтараки нобиное таманно мекард:

«Парвардигоро, мехоҳам, як бор, барои як лаҳза дидаи биноям бубахшӣ, то боре офтобу модарамро, ки зиёда дӯсташон медорам, бинғараму бубинам».

***

Ҳакиме дар девори дармонгоҳе навишта буд:

«Одамӣ ба қадри ду чиз замоне мерасад, ки ҳар дуро аз даст додааст: яке тандурустӣ, дигаре ҷавонӣ».

***

Садои пурҷозибаи амри маъруфи Мулло Зиёратшоҳ ба гӯшам расид:

«Худро бишнос, то Худоро бишносӣ. Аз худ бияндеш, то ба Худо роҳ барӣ».

***

Ӯ қаламамро гирифт ва дар як гӯшаи тақвимам навишт:

«Бидон ва фаромӯш макун, ки ман аз ту сурудани таронаеро хостаам, таронаи меҳр, таронаи муҳаббат, таронаи садоқатро».

***

Падарам мегуфт:

«Бархез аз хоб. Вақт мегузарад. Вақт бузургтарин неъмати Худованд аст. Пеш аз тулӯъи Офтоб бархез. Офаридгорро сипос бигӯйу сано бихон, ки фурсат дод, то рӯзи навро бубинӣ, то боз рӯзе зиндагӣ бикунӣ ва ба қадри оламу одам бирасӣ».

***

Аз омӯзгор пурсиданд:

– Агар шогирде нисбати шумо беэҳтиромӣ зоҳир кунад, аз ӯ меранҷед?

– Не, ман аз худ меранҷам, ки ӯро дуруст тарбия накардаам, – посух дод ӯ.

***

Имоми Аъзам кӯдакеро дид, ки дар гил бимонда. Гуфт: «Гӯш дор, наяфтӣ».

Кӯдак гуфт: «Афтодани ман саҳл аст. Агар биафтам, танҳо бошам. Аммо ту гӯш дор, агар поят билағжад, ҳама мусулмонон, ки аз паси ту оянд, билағжанд ва бархостани ҳама душвор бувад».

Таҳияи
**Собир ЭРГАШЕВ,**
ноҳияи Фориш.

# САНДАЛӢ ШИФОБАХШ АСТ

***2-3 даҳсола пеш аз ин боришот аз миёнаҳои фасли тирамоҳ оғоз меёфт. Ҳоло зимистон дарро накӯфта, алавдони сандалиро бо лой азнав таъмир карда, барои рӯзҳои сарди он омодагӣ медиданд.***



Замистони даврони бачагии мо бо сандалӣ мегузашт. Ҳар погоҳӣ ва бегоҳии рӯз чӯғи шохи дарахти тут ё саксавул ба оташдони он андохта ва бо хокистар рӯпӯш карда мешуд. Ба болои кӯрпаи серпахтаи мурабабаъи сандалӣ лаълии мисини кандакориро мегузоштанд, ки ҳам як намуди ороиш буду ҳам сатҳи кӯрпаро дар як меъёр нигаҳ медошт.

Мо бародару додарон дар атрофи он қатор шуда мехобидем. Ҳавои хона сард бошад ҳам, дар зери кӯрпа, аз таъсири чӯғи алав тамоми бадани кас гарм мешуд. Аҷоибтаринаш он буд, ки аз холигии тахтаҳои дари даромадгоҳ, ки ба рӯи ҳавлӣ кушода мешуд, барфрезаҳо ба хона медаромаданд ва ҳатто об нашуда, то пагоҳии рӯзи дигар меистоданд ва модарам онро ба рӯи хокандоз рӯфта, бароварда мепартофтанд. Бобои раҳматиям «гармогарм ба сармо баромадан касалиро даъват кардан аст» мегуфтанд ва маҷбур ҷомаву пойафзоли гармро пӯшонда, баъд барои ба кӯча баромадани мо рухсат медоданд...

Устои миришкор сандалиро аз чӯби дарахти тут ё ки зардолу месохт, ки меҳнату машаққати зиёд талаб мекунад. Дарозӣ ва паҳнои сандалӣ якметрӣ, ё ки як метру 20 сантиметрӣ буда, қисми боми аз тахтаҳои суфта таркибёфтаи онро чор сутуни мустаҳкам дошта меистод. Дар самтҳои пешгоҳ ва пойгаки сандалӣ ду чӯби параллел, дар ду паҳлуи он бошад, чор чӯби параллели масофаи байнашон 20x30x20 сантиметрӣ бо ҳамдигар насб мешуданд. Чӯбҳои параллели мобайнӣ вазифаи пойнигаҳдориро иҷро мекард. Баъзе устоён 20 сантиметр пасттар аз боми сандалӣ, аз чор сутуни он чор чӯбро ба шакли перпендикуляр бо ҳам пайваст мекарданд, ки зарферо барои гарм нигаҳ доштани хӯроки он гузоштан мумкин буд. Ин чӯбҳо мустаҳкамии сандалиро қувват низ мебахшад.

Сандалӣ барои барҳам додани касалиҳои ревматизм, артрит, рагкашии пой, шамолхурӣ ва ғайра фоида дорад. Азбаски пой гарм ва аз ҳавои сарду тоза нафас мекашед, дар обутоб ёфтани шуш низ аҳамиятнок аст. Ман инро аз гуфтаҳои амакзодаам Усмон Султонов, ки аз соли 1939 то соли 1947 дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок кардааст, мушоҳида намудам. Аз рӯи нақли ӯ, ҷанговароне, ки зимистони даври бачагиву ҷавониашон дар сандалӣ гузаштааст, дар қаҳратуни сарди солҳои ҷанг, нисбат ба аскарони дигар минтақаҳои иттифоқ ба касалии роҳи нафас камтар дучор мешуданд.

Имрӯзҳо азбаски ҳезум, дарахти тут ва саксавул кам мондааст, дар сандалӣ ба ҷойи алав плитаи барқиро мегузоранд, ки ин нисбати оташ камташвиштар аст. Албатта шифобахшии он авлотар ба чашм мерасад, аммо дар чунин ҳолат риоя намудан ба қоидаҳои бехатарӣ вазифаи аввалиндараҷаи волидон мебошад.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.*

## «АЗ ИН НАБУД САРИ АЛАМ»

Шабе хайёте (дӯзандае) дар хоб дид, ки дар саҳрое маҳшар барпост ва аламе (байрақе) аз оташи сӯзон бар болои сари ӯ нигоҳ доштаанд. Ҳамин ки сарро баланд кард, дид порчаи он алам мураккаб аз ҳазорон қитъа порчаҳоест, ки дар вақти буридани либосҳои мардум зиёд оварда ва ҳамагиро барои худ гирифтааст. Аз мушоҳидаи ин манзараи ҳавлнок бар худ биларзид ва бадар шуд ва ҳамон дам тавба намуд, ки аз он пас дасти тасарруф дар порчаҳои арбоб дароз накунад.

Рӯзи дигар, вақте вориди дукон шуд, ба шогирди худ дастур дод, ки ҳар мавқеъ порчаҳоеро барои буриш медиҳад, ӯ бигӯяд «устод, алам». Шогирд ангушти итоат бар дидаи қабул ниҳода, ҳар мавқеъ устод саргарми буриши либос мешуд, ӯ ёдоварӣ мекард: «устод алам». Рӯзе шахсе тоқаи шолии бисёр аълоеро назди устод овард, то либосе барои ӯ тартиб диҳад. Чун тоқаи шол хеле қимат буд, устод натавонист аз порчаи он матоъ даст кашад. Шогирд бар ҳасби маъмул гуфт: «Устод алам!». Хайёт сахт хашмгин шуда, дар ҷавоби ӯ бонг зад: «Аз ин набуд сари алам!»

## АЗ САД ДИНОРИ ДУВУМ МАҲРУМ АСТ

Охунде рӯзе бо дӯсти охунди худ рӯ ба рӯ шуда, пас аз таоруфоти расми охундӣ ҷӯёи ҳол ва рӯзгор шуд. Мухотаб ҷавоб дод, ки хати манро бидуни худи ман касе хонда наметавонад, ки барои хондани он дуоҳо аз корафтодагон сад динори дигар меситонам. Охунди дувумӣ ба навъи худ ҷӯёи ҳол шуд, вале оҳе кашида гуфт:

– Афсӯс, ки ман аз сад динори дувум маҳрумам, чунки аз қироати китобати худ оҷизам.

## «АЗ ХАР БИГӮ»

Марди қишлоқиеро писаре ба ҳадди мардон расида буд, рӯзе ба занаш гуфт:

– Агар сахтии маоши мо бад-ин гуна бипояд, оқибат бояд харро фурӯхт ва барои писар арӯсе кард.

Пас аз он рӯз ҳар вақт падар ба сухане оғоз мекард, писар каломи ӯро бурида, мегуфт:

– Бобо (падар), аз хар бигӯ.

**Аз китоби «Персидские пословицы и поговорки» таҳияи Т. ХОВАРӢ.**



# ГУЛИ АНҶИРРО КАСЕ НАДИДААСТ

Шояд шумо ҳам аз ин савол ба андеша афтода бошед. Бисёрии аҳолии Боғибаланду Боғимайдон дар ҳавлиашон анҷир доранд. Дарахти анҷирро тирамоҳ зери хок «гӯр» мекунанду баҳорон аз хок берун карда, зераш ҳаҷча мегузоранд.

Анҷир ду бор ҳосил медиҳад: баҳор ва тирамоҳ. Анҷири баҳориро хокӣ мегӯянд. Он зери хок гул карда, ҳосил мебандад. Анҷири тирамоҳӣ серғизо ва ширин аст. Аммо то ҳол касе гули анҷирро надидааст.

Гули анҷирро дидан осон нест, ҳатто имконнопазир менамояд. Вале он ҳаст. Ва ҳамин нукта як андешаи рамзиро ба миён меорад: на ҳар зебоие дар зоҳир аст. Баъзан зеботарин арзишҳо – мисли сабр, хоксорӣ, меҳрубонӣ ва фурӯтанӣ пинҳонанд, мисли гули анҷир, ки аён нест, аммо ҳаст.

Дар зиндагӣ низ баъзе аз эҳсосот, мисли муҳаббат ва вафо чун гули анҷир, дар ботини инсон ниҳонанд. Онҳоро танҳо қалб ҳис мекунад.

Анҷир гули пинҳон дорад ва инсон низ гоҳе гули ҳастиашро пинҳон медорад.

**Дилрабо НАСИМӢ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ЧОВАНДОЗИ ҶАВОНУ ЧОЛОК

***Баъзеҳо аз хурдӣ ба ин ё он машғулият худ аз худ майлу рағбат пайдо мекунанд, баъзеи дигар ба туфайли касбу кор ва ҳунари аҳли хонавода ба коре дил мебанданд. Бархе асптозиву парвариши онро дӯст медоранд. Ба ин ҷонвор чунон меҳр медиҳанд, ки асп ҳам ба онҳо дил мебандад. Дар кишвари мо барои асппарварӣ имконият фаровон аст. Дар хоҷагиҳои алоҳида маҳз барои парвои аспҳои тозӣ юнучқа мекоранд, ҷав кишт мекунанд.***

Манзури мо ин ҷо нақл дар бораи асппарварӣ нест, балки дар бораи чавандозон ҳикоя кардан аст. Дар иду ҷашнвораҳои миллӣ, хоса айёми баҳор мардум аз тамошои бузкашӣ бо иштироки чавандозони моҳир ба шӯру шавқ меоянд.

Дар ноҳияи Фориш низ. Ҳоло дар ин ҷо як насли нави човандозон ба камол расидаанд, ки анъанаи хуби гузаштагонро идома мебахшанд. Човандози ҷавону чапдаст Йӯлбарс Бӯриев яке аз онҳост. Ӯ дар оилаи човандозон ба камол расидааст. Падараш Дониёр, амакаш Бахтиёр низ умре асптозӣ карда, аз дили ҳаводорон ҷой гирифтаанд, дар маъракаҳои бузкашӣ дастболо шуда, соҳиби подошу мукофот гардидаанд.

Йӯлбарс роҳи онҳоро идома медиҳад. Моҳи марти соли гузашта дар вилояти Намангон зимни барпо гардидани мусобиқаи бонуфузи байналхалқӣ ӯ дар таркиби дастаи човандозони Ӯзбекистон ширкат ҷуста, ҷойи аввалро гирифт, онҳо соҳиби мукофоти пулӣ шуданд. Бояд гуфт, ки дар ин мусобиқа аз ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва берун аз он дастаҳои човандозӣ ширкат ҷустанд.

Агар дар деҳаи Ӯхму атрофи он ҳаводорони бозии бузкашӣ ба човандози ҷавону умедбахш Элмурод кафкӯбӣ кунанд, дар Қизилқум ва умуман вилояти Ҷиззах ба паҳлавони ҷавон Йӯлбарс ҳаводорӣ менамоянд.

– Асптозӣ аз паҳлавон маҳорат, чобукиву чаққониро тақозо менамояд, – мегӯяд Йӯлбарс Бӯриев.– Банда аз хурдӣ дар бари падарам будам ва ба ин шуғл беҳад дил бастаам. Нозукиҳои ин ҳунарро аз эшон ба хубӣ омӯхтам. Ҳоло ҳам ҳар доим аз қиблагоҳ дуои нек мегирам.

**Анорбой НАЗАРОВ.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3154. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.